*ТДУ 33 С Д.42*

***ТАЪСИРИ ОМИЛҲО ВА ШАРОИТ БА РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА***

***Ҷумаев Аскарҷон Қаюмович,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумрукии МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ И УСЛОВИЙ НА УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНА***

***Джумаев Аскарджон Каюмович,*** *к.э.н., доцент кафедры финансов, банка и таможенного дела ГУ ХМИ МУТПТ ( Таджикистан, Худжанд)*

***INFLUENCE OF FACTORS AND CONDITIONS ON SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGION***

***Dzhumaev Askarjon Kayumovich,*** *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance, Banking and Customs Affairs, State Institution Khujand International Institute, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan (Tajikistan, Khujand)* ***E-mail:*** *askar.jumaev@yandex.com*

***Калидвожаҳо***: *рушди устувор, омили таклифот, институтсионалӣ, модели миллии рушди устувор, ҳадафҳои рушди устувор, омили талабот, омили тақсимот.*

*Дар мақола сатҳи рушди устувор, ки низомҳои иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодии минтақавӣ, натиҷаи омезиши омилҳои муҳити беруна ва дохилии минтақа, таъсири мусбат ё манфӣ ба ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолият ва рушди маҳаллиро дар худ ифода менамояд, баррасӣ гардидааст. Ба омилҳои беруна аз қабили сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва қувваҳои дигари аҳамияти назаррас доштаро дарбар мегирад. Асоси иҷтимоию иқтисодӣ барои рушди устувор амали муайян намудани маҷмуи тадбирҳои глобалии мубориза бар зидди камбизоатӣ; тағйир сохтори истеъмолот; танзими афзоиши аҳолӣ; ҳифзи саломатии инсон; мусоидат ба рушди устувори минтақаҳо нигаронида шудаанд. Ғайр аз он, равандҳои асосӣ ва тафсири рушди устувор нисбати фаъолияти ичтимоӣ – иқтисодӣ ва экологии минтақаҳо дар Тоҷикистони муосир баррасӣ гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *устойчивое развитие, фактор предложения, институциональный, национальная модель устойчивого развития, цели устойчивого развития, фактор спроса, фактор распределения.*

*В статье рассмотрен уровень устойчивого развития региональных социально-эколого-экономических систем, являющегося результатом сочетания факторов внешней и внутренней среды региона, положительного или отрицательного воздействия на все аспекты местной деятельности и развития. Он включает в себя внешние факторы, такие как политико-правовые, экономические, социальные, технологические и другие значимые силы. Социально-экономической основой устойчивого развития является определение комплекса глобальных мер по борьбе с бедностью; изменение структуры потребления; регулирование роста населения; защита здоровья человека; содействие устойчивому развитию регионов. Кроме того, анализируются основные процессы и трактовка устойчивого развития применительно к социально-экономической и экологической деятельности регионов современного Таджикистана.*

***Keywords:*** *sustainable development, supply factor, institutional, national model of sustainable development, sustainable development goals, demand factor, distribution factor.*

*The article dwells on the level of sustainable development of regional socioeconomic systems, which is the result of a combination of factors in the external and internal environment of the region, positive or negative impacts on all aspects of local activity and development. It includes external factors such as political, legal, economic, social, technological and other significant forces. The socio-economic basis of sustainable development is the definition of a set of global measures to combat poverty; change in consumption structure; regulation of population growth; protection of human health; aims to promote sustainable development of regions. In addition, the main processes and interpretation of sustainable development are considered concerning the socio-economic and environmental activities of the regions of modern Tajikistan.*

Таъмини дарозмуддати рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа яке аз масъалаҳои асосии идоракунии минтақавӣ дар Тоҷикистон мебошад. Гузашта аз ин, ин мушкилот на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба кишварҳои дигари пасошӯравӣ низ дахл дорад.

Дар байни маҷмуи вазифаҳое, ки бояд ҳал карда шаванд, муайян кардани омилҳое, ки ҳаракати низоми ичтимоию экологӣ - иқтисодии минтақавиро ба самти рушди устувор таъмин менамояд, мухимтарин вазифаи методологӣ мебошад.

Дар мақола зери мафҳуми «омил» маҷмуи сабабҳои асосиро дар назар дорем, ки сарчашмаи рушд ва фаъолияти минтақа мебошанд.

Мо рушди устуворро ҳамчун як тарзи фаъолияти минтақа, ки ба динамикаи мусбати сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ бо такрористеҳсоли мутавозин ва вайроннашавандаи сохторҳои институтсионалӣ, хоҷагидорию иқтисодӣ, табиию экологӣ ва иҷтимоии низоми «минтақа» ба манфиати наслҳои ҳозира ва оянда нигаронида шудааст, муайян менамоем.

Мафҳуми «устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ» мафҳуми муътадилӣ, аз ҷумла, муътадилии нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии низоми хоҷагидориро дар бар мегирад.

Шарти асосии модели миллии рушди устувор - фаъолияти иқтисодии мустақилона мебошад. Рушди устувори минтақа ҳамчун асоси ҳалли ду вазифаи муҳим хидмат менамояд:

- барқарор намудани нақши Тоҷикистон дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

-гузариш ба рушди устувор мутобиқи модели нави рушди ҷамъиятӣ.

Бо дарназардошти аҳаммияти стратегии рушди устувор зарур аст, ки ба мафҳумҳои зерин диққат диҳем:

- моҳияти рушди устувори минтақа;

- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа;

- механизми дастовардҳои он ва нигоҳдории минбаъда [1, с.152].

Асоси устувориро мувозинати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки шарти муҳим барои фаъолияти самарабахш ва рушди низоми иҷтимоию экологӣ мебошад, ташкил медиҳад. Рушди устувор пешбинӣ менамояд:

- ҳифзи муҳити зист, аз ин рӯ, зинда мондан ва рушди беохири инсоният;

- таъмини такрористеҳсоли иқтидори худуд дар ҳолати мутавозин, яъне риояи таносуби байни ҷузъҳои таркибии минтақа ҳамчун низоми ҷудонашавандаи иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ;

- самти иҷтимоии иқтисодиёт, ки дар он рушди иқтисодиёт ва раванди идоракунӣ на ҳамчун мақсади рушди шахсӣ, балки ҳамчун воситаи ташаккул, инкишоф, истифодаи оптималӣ ва ҳифзи неруи инсон (дар ин ҳолат мақсадҳои иҷтимоӣ бо мақсадҳои иқтисодӣ мувозинат мекунанд).

Бо дарназардошти таҷрибаи тафовути амиқи шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати дарёфти роҳи самараноки ҳалли мушкилот ва таъмини он ба миён меояд.

Дар навбати худ, мафҳуми муътадилии иқтисодӣ маънои бартараф кардан ё нигоҳ доштани таназзули иқтисодӣ, таҳким ва нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи муайян ва солимии иқтисодиётро дорад. Ҳамин тавр, устувории рушди иқтисодиёт он ҳолати иқтисодиёт мебошад, ки таъмини муътадили самтҳои ниҳоии тараққиёти истеҳсолот, нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодиро дар назар дорад. Дар баробари ин, ду равишро метавон зери мафҳуми рушди устувори иқтисодӣ шарҳ дод:

- аз як тараф, нигоҳдории устувори сатҳи додашудаи як самт;

- нигоҳдории устувори сатҳи додашудаи нишондиҳандаҳои ниҳоии иқтисодӣ (муътадилӣ);

- аз тарафи дигар, нигоҳ доштани рушди устувор, нишондиҳандаҳои максималии рушди иқтисодӣ, масалан, нигоҳ доштани суръати афзоиши солонаи ММД ё нигоҳ доштани таваррум дар сатҳи додашуда (динамикӣ). Инчунин рушди устувори иқтисодӣ маҷмуи шарт, омил ва чораҳои танзими таъсир, мувозини иқтисодии устувории нишондиҳандаҳои ниҳоии таъминкунандаро дар назар дорад [3, с. 221].

Сатҳи рушди устувори низомҳои иҷтимоию экологӣ ва иқтисодии минтақавӣ натиҷаи маҷмуи омилҳои муҳити беруна ва дохилии минтақа буда, ба тамоми ҷанбаҳои фаъолият ва рушди маҳаллӣ таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад.

Ба омилҳои беруна қувваҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва дигар қувваҳои таъсиррасон дохил мешаванд, ки аҳаммияти калон доранд.

Маҷмуи омилҳои дохилӣ (захираҳои табиӣ, иҷтимоию сиёсӣ, ташкилию идоракунӣ, бозорӣ ва ғ.)-и рушди устувори низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: захираҳое, ки тавоноии минтақаро муайян мекунанд ва омилҳои танзимкунанда, омилҳое,

ки имконият, сатҳ ва хусусияти таъсири идоракуниро ба раванди рушди минтақавӣ муайян мекунанд.

Омилҳое, ки ба рушди устувори минтақа таъсир мерасонанд, аз ҷониби зернизомҳо ва ҷузъҳои минтақа ҳамчун низоми иҷтимоиву экологӣ гурӯҳбандӣ шудаанд (нигаред ба Ҷадвали 1) [7, с.254].

Омилҳои табиӣ-экологӣ махсусгардонии соҳавии минтақа, тақсимоти фазоии захираҳо ва сатҳи хароҷоти зарурӣ барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар минтақа, маҳдудиятҳои экологии рушди иқтисодиро муайян менамояд. Омилҳои ҷузъҳои институтсионалӣ таъминкунандаи алоқамандӣ ва ҳамкории байни омилҳои мухталифи минтақа таъминкунандаи рушди устуворӣ минтақа мебошанд.

**Ҷадвали №1. Омилҳои таъсиррасон ба рушди устувори минтақа**

| Зернизомҳо-ҷузъҳои минтақа: | | | |
|---|---|---|---|
| Табиӣ-экологӣ | Институтсионалӣ | Хоҷагидорӣ-иқтисодӣ | Иҷтимоӣ |
| шароити табиии иқлим;<br>сохтори хок;<br>захираҳои заминҳои истифоданашаванда;<br>захираҳои обӣ, ҳолати муҳити табиӣ;<br>сатҳи таъсири инсонӣ. | вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ;<br>самти рушди иҷтимоии-иқтисодӣ;<br>сиёсати минтақавии давлат. | махсусгардонии минтақа;<br>сохтори мавҷуда ва иқтидори иқтисодиёти минтақа;<br>рушди инфрасохтори истеҳсолӣ;<br>фазои сармоягузорӣ. | омилҳои демографӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ;<br>сатҳи зиндагии аҳолӣ;<br>вазъи захираҳои меҳнатӣ;<br>сатҳи саломатии аҳолӣ;<br>рушди инфрасохтори иҷтимоӣ; нокомии иҷтимоӣ;<br>рушди соҳаҳои иҷтимоӣ. |

Омилҳои иқтисодӣ соҳаҳои махсусгардонидаи минтақаро муайян намуда, ба имкониятҳои таъминоти молиявии рушди маҷмуи хоҷагидории минтақа дар маҷмуъ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, омилҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо боиси тағйир ёфтани миқдор ва сифати онҳо мегардад. Омилҳои илмӣ-истеҳсолӣ истифодаи самарабахши захираҳои табииро таъмин мекунад. Омилҳои молиявӣ самаранокии истифодаи захираҳои табииро тавассути фаъолсозии иқтидори меҳнатиро афзоиш медиҳанд. Омилҳои иҷтимоӣ ба шаклҳои шуғл ва даромади аҳолӣ ба маҳсулнокии меҳнат ва имконоти барқарорсозии захираҳои меҳнат таъсир мерасонанд. Бояд ба инобат гирифт, ки дар як вақт тақсимоти омилҳо ба гурӯҳҳои таклифот, талабот ва тақсимот (Ҷадвали 2) ҷудо мешаванд.

Бояд қайд кард, ки нақши ҳар як омил доимо тағйир меёбад, аз ҳамин сабаб раванди рушдро ҳамчун як маҷмуи одии омилҳое, ки дар як самт амал мекунанд, набояд баррасӣ намуд. Ба онҳо омилҳои боздорӣ низ таъсир мерасонанд: номувозинатии маҷмуи талабот ва таклифот, ки аз номутобиқии меъёри пасандозҳо ва андӯхтаҳо дар иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд; кам кардани сармоягузорӣ ба иқтисодиёти воқеӣ; пастшавии даромадҳои аҳолӣ ва ғайра. Аммо, истифодаи захираҳои иловагӣ ба болоравии нархҳо ва афзоиши хароҷот мусоидат мекунад.

**Ҷадвали №2.Таркиби омилҳои таклифот, талабот ва тақсимот**

| Омили таклифот | Омили талабот | Омили тақсимот |
|---|---|---|
| миқдор ва сифати захираҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ; ҳаҷм ва сифати сармояи асосӣ; технологияҳо ва истифодаи амалии коркардҳои илмӣ. | сатҳ ва сохтори маҷмуи даромад ва хароҷот дар ҷомеа; рушди низоми молиявӣ, инчунин имконияти гирифтани қарз. | тақсимоти оқилонаи омилҳои истеҳсолӣ ва захираҳои истеҳсолӣ; хислати тақсими даромад дар ҷомеа; тағйирот дар сохтори иқтисодиёти кишвар; динамикаи нархҳои маҳсулоти истеҳсолшуда ва мавҷудияти тамоюли таваррум дар иқтисодиёт; таъсир ба миқёси истеҳсолот. |

Ҳамин тавр, бо сабаби амали қонуни коҳишёбии омилҳои истеҳсолӣ на танҳо ба мавҷудияти захираҳо, балки барои ноил гардидан ба комёбиҳои самаранокӣ онҳо заруранд [6, с.58]. Ҳамаи ҷузъҳои низоми минтақавии иҷтимоию экологӣ ва иқтисодӣ низомҳои кушода мебошанд, бинобар ин, таъсири беруна ба худи муҳити беруна таъсир мерасонанд. Бояд илова кард, ки ба масъалаҳои рушди устувор мумкин ва бояд дар сатҳи системаҳои иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ баррасӣ гарданд [4, с.217].

Илова бар ин, масъалаи рушди устувор ба амнияти миллӣ зич алоқаманд аст, яъне, масъалаи амниятро ба таври оптималӣ танҳо бо рушди устувори тамоми низом ҳал намудан мумкин аст. Коркарди тамоми барномаи амнияти экологӣ ва иқтисодӣ бояд дар асоси консепсияи умумии гузариши минтақаҳои кишвар бар роҳи рушди устувор таҳия гардад. Он таҳкими нақши танзими давлатии раванди рушди устувори иқтисодиву иҷтимоиро дар бар мегирад.

Барои он, ки омилҳо иқтидори худро амалӣ гардонанд, шароити мувофиқ зарур аст. Дар зери мафҳуми «шароит» он чизе, ки фаъолияти омилҳо вобаста аст бо ибораи дигар - он ҷузъҳои муҳимми низоми иҷтимоию экологӣ-иқтисодии минтақавӣ аз амале, ки зарурати мавҷудияти устувории рушди минтақаро фароҳам меорад, дар назар дошта мешавад. Чунин шартҳо мавҷуд аст: суботи сиёсӣ, низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқию меъёрӣ, вазъи ҷинояткорӣ, сатҳи коррупсия ва бюрократия, монеаҳои маъмурӣ, устувории молиявӣ, низоми молиявӣ ва қарзӣ, рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои фаъолияти асосии иқтисодӣ дар минтақа ва ғайра. Айнан шароит омилҳои асосиро ба қувваи воқеии самарабахш табдил медиҳад. Ҷойи махсус дар ҷараёни ислоҳот ба муҳити институтсионалӣ, ки воситаи ҳамоҳангсозии ҷузъҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувор мебошад, тааллуқ дорад.

Вазифаҳои асосии муҳити институтсионалӣ:

- мураттабсозии муносибатҳои ичтимоӣ, танзими доираи фаъолият ва рафтори шахсони воқеӣ ва соҳибкорон бо мақсади таҷдид ва ҳифзи низоми иҷтимоию экологӣ-иқтисодӣ, таъмини пешгӯӣ ва суботи ҳамкории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, озодӣ ва амният (бояд махсусан таъкид намуд, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи моликият дар соҳаи дороиҳои ғайримоддӣ), кам кардани хароҷоти амалиётҳо, инчунин нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумотҳо аст.

Бо вуҷуди ин, соҳаҳо на танҳо маҳдуд, балки ҳидоят менамоянд, ки фаъолияти агентони иқтисодиро осон ва ҳавасманд гардонанд [7, с. 56].

Бояд қайд кард, ки дар ҳақиқат ягон намуди софи экстенсивӣ ё интенсивии рушди иқтисодӣ мавҷуд нест. Онҳо мунтазам ҳамдигарро иваз ё дар якҷоягӣ амал мекунанд, ҳар як дар марҳилаҳои гуногуни вақт ҳукмронӣ мекунанд. Дар як вақт омилҳо метавонанд чун мусбат ва ҳам манфӣ ба системаҳои минтақавии иҷтимоию экологӣ ва иқтисодӣ таъсир расонанд. Ҳангоми таҳлили омилҳо таваҷҷуҳи бештар ба омилҳое, ки ба нишондиҳандаҳои рушди устувори минтақа таъсири манфӣ мерасонанд, нигаронида мешавад. Ба чунин омилҳо таҳдидҳо ва омилҳои пешгӯинашаванда дохил мешаванд. Хусусиятҳои таъсири омилҳои манфӣ ба рушди устувори минтақа инҳоянд:

- якум, омилҳои манфӣ сохтори системаи минтақавии иҷтимоию экологӣ ва иқтисодиро вайрон мекунанд.
- дуюм, қисми зиёди захираҳои минтақавӣ барои бартараф намудани омилҳои манфӣ сарф мешавад.
- сеюм, суръати афзоиши нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодро коҳиш медиҳанд [2, с.16].

Дар робита бо ин, хеле муҳим аст, ки аудити омилҳои рушд гузаронида шаванд [7, с.78].

Таҳлили омилҳои устуворро пурзӯргардонии ҷузъҳои субъекти идоракунии минтақавӣ ба таври назаррас мушкил мегардонад. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои сершумори даҳсолаи охир дар кишвари мо ва хориҷ аз он, афзоиши нақши омили субъективӣ дар рафтори агентҳои иқтисодӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ маълум гардидаанд [5, с.46]. Мушкилоти асосии таъмини рушди устувор ин сарчашмаи амали ба рушди устувори минтақа таъсиррасон, шумораи зиёди субъекти қарорҳои идоракунӣ ба таври мустақилона дар асоси ваколатҳои худ қабулкунанда мебошанд. Ба ин субъектҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои ҳокимияти давлатии минтақавӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ, субъектҳои хоҷагидор, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ғайра дохил мешаванд. Дар ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати рушди устувори минтақа бояд ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи омилҳои минтақа аҳаммият дод [8, с.34]. Ҳамкорӣ омилҳои гуногуни рушди устувори низомҳои иҷтимоию экологӣ-иқтисодии минтақавӣ ягонагӣ ва мувозини ҳолати минтақаро, ки бо меъёрҳои тавозуни нишондиҳандаҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, ки қобилияти иҷро кардани тавсеаи такрористеҳсолкунӣ ва қобилияти ҳаёти тулонии бо

дарназардошти динамикаи берунаи муҳитро пешбинӣ менамояд. Аҳаммияти бузургро гурӯҳи идораи омилҳое, ки механизмҳои танзими истеъмоли захираҳои табиӣ, таъмини ҳаёти иҷтимоӣ, банақшагирии фаъолияти иқтисодӣ, муқаррар кардани стандартҳо ва маҳдудиятҳоро дарбар мегирад.

Механизми хоҷагидорӣ ин масъаларо ҳал намуда, маҷмуи қоидаҳо, вазифа, усулҳои танзими унсурҳои амали низоми иҷтимоию экологӣ-иқтисодии минтақавиро дар раванди фаъолият дар худ инъикос менамояд. Дар чаҳорчӯбаи ин механизм маҷмуи мақсадҳо ва ҳадафҳо барои рушди устувори минтақа амалӣ карда мешавад.

Дар маҷмуъ, вазифаи муайян ва таҳлили омилҳое, ки ҳаракати низоми иҷтимоию экологӣ-иқтисодии минтақаро тавассути таҳкими рушди устувор таъмин мекунанд, бояд ҳамчун вазифаи мураккаб ва муттаҳидшуда баррасӣ шуда, барои ҳалли он истифодаи сохторҳои институтсионалӣ-кооперативӣ зарур аст.

## АДАБИЁТ:


1. Барабаш, Д. А. Устойчивое развитие регионов России – история и современные вызовы/ Д. А. Барабаш // Материалы 13-й Международной межвузовской научно-практической конференции «Стратегия развития экономики РФ и проблемы национальной безопасности». - М.: ВГНА Минфина России, 2012. – 427 с.
2. Барлуков, А.М. Устойчивое развитие региона с экологической регламентацией: мониторинг и перспективы: / А.М. Барлуков //автореф. дисс. … канд. экон. наук. Улан-Удэ, 2013. – 24 с.
3. Большая Экономическая Энциклопедия. - М.: Эксмо, 2007. – 636 с.
4. Джумаев, А.К. Проблемы устойчивого развития региона и анализ факторов, влияющих на экономическую стабильность Согдийской области/ А.К. Джумаев// Проблемы устойчивого роста экономики РТ (том 3) Худжанд; Нури Маърифат-2014 - С. 215-221.
5. Клейнер, Г.Б. Новая теория экономических систем и ее приложения/ Г. Б. Клейнер // Журнал экономической теории. 2010. № 3, М; С. 41–58.
6. Найденова, Р.И. Теоретические и методологические основы процесса перехода к устойчивому развитию экономики региона/ Р.И. Найденова// Старый Оскол: ООО «ТНТ», 2007. – 248 с.
7. Ускова, Т.В. Управление устойчивым развитием региона / Т.В. Ускова // Вологда: ИСЭРТ РАН, 2009. – 355 с.
8. Шедько, Ю.Н. Регион как большая социально-экономическая система / Ю.Н. Шедько // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2010. № 6. - С. 32–37.


## REFERENCES:


1. Barabash, D. A. Sustainable development of Russian regions - history and modern challenges / D. A. Barabash // Materials of the 13th International Interuniversity Scientific and Practical Conference «Strategy for the Development of the Russian Federation Economy and Problems of National Security». - M.: VGNA Ministry of Finance of Russia, 2012. - P. 427.
2. Barlukov, A.M. Sustainable development of the region with environmental regulation: monitoring and prospects: / A.M. Barlukov // abstract of thesis. diss. ...cand. econ. Sci. Ulan-Ude, 2013.-24 p.
3. Great economic encyclopedia. - M.: Eksmo, 2007. - P. 636.
4. Dzhumaev A.K. Problems of sustainable development of the region and analysis of factors influencing the economic stability of the Sughd region/ A.K. Dzhumaev // Problems of sustainable economic growth of the Republic of Tatarstan(volume 3), Khujand-2014» Nuri Marifat» p. 215-221.
5. Kleiner, G.B. New theory of economic systems and its applications/G.B.Kleiner//Journal of Economic Theory. 2010. No. 3. M., P. 41–58.
6. Naydenova, R.I. Theoretical and methodological foundations of the process of transition to sustainable development of the regional economy/R.I.Naydenova //Stary Oskol: TNT LLC, 2007. 248 p.
7. Uskova, T.V. Management of sustainable development of the region/T.V.Uskova //Vologda: ISEDT RAS, 2009.* 355 p.
8. Shedko, Yu.N. The region as a large socio-economic system/ Yu.N. Shedko // National interests: priorities and security. 2010. No. 6. P. 32–37.